Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 25 (4765) | ҶУМЪА, 23 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## АФСАРОНУ САРБОЗОН ДАР ЛАҲЗАҲОИ САРНАВИШТСОЗ ХИЗМАТИ ТАЪРИХӢ КАРДАНД

**Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**шаҳри Душанбе, 22 феврали соли 2024**

**Муҳтарам генералҳо, афсарону сарбозон ва собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳ!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори 31-умин солгарди таъсисёбии Артиши миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки яке аз рукнҳои асосии давлатдории навини тоҷикон мебошад, самимона табрик мегӯям.

Беш аз се даҳсола мешавад, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ якҷо бо ҳайати шахсии дигар сохторҳои низомӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истиқлолу озодии давлати тоҷикон, марзу буми Ватани аҷдодӣ, амнияту суботи мамлакат ва зиндагии осудаю ороми мардуми кишварро ҳамчун сипари боэътимод ҳимоя карда истодаанд.

Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон зодаи даврони истиқлол ва яке аз дастовардҳои муҳимтарини он мебошад. Хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ вазифаҳои муқаддасу пуршараф, вале бисёр сангину пурмасъулияти таърихӣ - барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ, ҳимояи озодию соҳибихтиёрии давлат, тамомияти арзии кишвар, таъмин намудани сулҳу субот, ҳифзи амнияту оромии давлат ва ҷомеаро ба дӯш гирифтанд.

Дар ин лаҳзаҳои идона бо ифтихору қаноатмандӣ изҳор медорам, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ дар айёми барои халқи Тоҷикистон ва давлати тоҷикон ниҳоят ҳассосу сарнавиштсоз хизмати ҷавонмардонаю таърихӣ карданд. Бинобар ин, ба тамоми ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ, хизматчиёни ҳарбии дигар сохторҳои низомӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат барои хизмати содиқона ба давлат ва халқи Тоҷикистон сипосу миннатдорӣ баён менамоям.

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон бо дарки ин нукта, ки ҳифзи марзу буми кишвар, таъмин намудани амнияти давлату миллат ва суботу оромии ҷомеа бидуни Қувваҳои Мусаллаҳи муҷаҳҳазу муосир ғайриимкон мебошад, ҳанӯз аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ ба таъсиси Артиши миллӣ ва дигар воҳидҳои ҳарбӣ оғоз намуд.

Тоҷикистони азизи мо маҳз дар оғози солҳои 90-уми асри гузашта, яъне дар оғози даврони соҳибистиқлолӣ ба гирдоби мухолифатҳои шадиди сиёсӣ ва баъдан ба оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор гардид ва ин рӯйдоди фоҷиабор ҳалли масъалаи муҳимтарини давлатдорӣ, яъне таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳро ба таъхир андохт. Вале мо, бо вуҷуди мушкилоти сахту сангини иқтисодию молиявии он рӯзҳо, Артиши миллиро амалан дар ҷойи холӣ таъсис додем ва сипас ба ташкили қисму воҳидҳои махсус, омодасозии мутахассисони низомӣ ва бо техникаю таҷҳизот таъмин намудани Қувваҳои Мусаллаҳи худ оғоз намудем.

Қобили зикри махсус аст, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи мо аз рӯзҳои аввали таъсисёбии худ дар набардҳои сангини ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва дарки масъулияту рисолати таърихӣ фаъолона иштирок карданд ва обутоб ёфтанд.

Имрӯз мо бо ифтихор иброз медорем, ки маҳз дар натиҷаи шуҷоату матонат ва далерию ҷоннисориҳои хизматчиёни ҳарбӣ – фарзандони бонангу номуси Ватан ҳокимияти конститутсионӣ барқарор гардид ва дар кишвар барои сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ заминаи устувор гузошта шуд.

Хотирнишон менамоям, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи мо дар давраҳои минбаъда низ борҳо бар зидди хоинону душманони миллати тоҷик далерона мубориза бурданд, аз имтиҳони ҷасорату мардонагӣ сарбаландона гузаштанд ва дар ин роҳ ҳазорон нафари онҳо ҷони худро қурбон карданд. Яъне, зиндагии орому осудаи мардуми мо ба қимати ҷони ҳазорон нафар ҷавонмардони ватандӯсту ҷоннисор ва бонангу номуси халқи тоҷик ба даст омадааст.

Мардуми шарифи Тоҷикистон ва хусусан, ҷавонон бояд инро ҳамеша дар хотир дошта бошанд, шукронаи сулҳу суботи пойдори кишварро ба ҷой оваранд ва ба хотири ҳифзи осоишу оромии мамлакат саъю талош намоянд.

Вақтҳои охир вазъи ҷаҳон торафт мураккабу бухронӣ гардида, раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, марҳалаи нави «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир - терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ торафт шиддат гирифта истодааст. Яъне, вақтҳои охир инсоният ба марҳалаи ниҳоят ҳассосу хатарноке ворид шудааст, ки таърих чунин давраро ёд надорад.

Дар чунин шароит ҳар як шаҳрванди огоҳи ҷомеа, дар навбати аввал, хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифадоранд, ки ҳушёрии сиёсиро аз даст надода, ба хотири ҳимояи неъмати бузурги зиндагии халқамон - истиқлолу озодӣ, амнияти ҷомеа ва давлат, сулҳу суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ кӯшиш намоянд.

Давлат ва Ҳукумати мамлакат барои тақвияти иқтидори мудофиавии кишвар, дастгирии моддию маънавӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ минбаъд низ ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ мегардонад. То имрӯз барои пешбурди хизмат ва зиндагии ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шароиту имкониятҳои беҳтарин муҳайё карда шудаанд ва мо ин равандро пайгирона идома медиҳем.

Дар робита ба ин, роҳбарон ва ҳайати фармондеҳии Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро бори дигар вазифадор месозам, ки доир ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳу сифати корҳои тарбиявӣ дар қисму воҳидҳо, омода намудани мутахассисони ҳарбии дорои сатҳи баланди касбият, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ҳисси баланди миллӣ тарбия кардани ҳайати шахсӣ тадбирҳои қатъӣ андешанд.

Дар ин раванд, зарур аст, ки ба масъалаҳои азхудкунии техникаю технологияҳои замонавӣ, таҷҳизоту воситаҳои ҳарбии муосир ва забономӯзии афсарону сарбозон диққати доимӣ ва ҷиддӣ дода шавад.

Ҳамчунин, ба тамоми роҳбарон ва ҳайати фармондеҳӣ такроран таъкид менамоям, ки ба риояи қатъии талаботи оинномаҳои ҳарбӣ, интизому тартибот, волоияти қонун ва сатҳи баланди омодабошии қисму воҳидҳо эътибори аввалиндараҷа зоҳир намоянд.

Бо эътимоди комил иброз медорам, ки ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо садоқат ба савганди ҳарбии худ дар оянда низ қарзи ҷавонмардии хешро дар таъмини амнияти давлату ҷомеа, ҳифзи марзу буми сарзамини муқаддаси тоҷикон, ҳимояи зиндагии осоишта ва заҳмати созандаи мардуми Тоҷикистон сарбаландона иҷро менамояд.

Бори дигар тамоми афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомии мамлакат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба ифтихори Рӯзи таъсисёбии Артиши миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол самимона табрик гуфта, ба ҳамаи онҳо саломатӣ, иродаи мустаҳкам ва рӯҳи шикастнопазир орзу менамоям.

**Ҷашн муборак бошад, ҳомиёни далеру шуҷои Ватан!**



## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ШАҲРИ ҚАЗОНИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

**21-уми феврали соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати анҷоми боздиди корӣ ба шаҳри Қазони Федератсияи Россия сафар намуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ, вазирони саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ менамоянд.



**21-уми феврали соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ вориди шаҳри Қазони Ҷумҳурии Тотористони Федератсияи Россия шуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Қазон меҳмони олиқадр - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро намояндагони расмии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тотористон самимона истиқбол гирифтанд.

**21-уми феврали соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Қазони Ҷумҳурии Тотористони Федератсияи Россия бо Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин мулоқот намуданд.**

Дар вохӯрӣ ҳолати имрӯза ва дурнамои муносибатҳои дуҷониба, ҳамчунин, масоили алоҳидаи байналмилалию минтақавӣ баррасӣ шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғоз аз имкони дидору мулоқот изҳори қаноатмандӣ карда, ҷониби Россияро барои дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор намудани мусобиқаҳои байналмилалии «Бозиҳои оянда» шодбош гуфтанд.

Сарони ҳар ду давлат ба натиҷаҳои музокироти расмии сатҳи олии Тоҷикистону Россия, ки моҳи ноябри соли 2023 дар шаҳри Москва баргузор гардида буд ва ҳамчунин, нишасти навбатии Комиссияи байниҳукуматии моҳи декабри соли гузашта доиргардида баҳои баланд доданд.

Зикр гардид, ки ҳаҷми гардиши дуҷонибаи мол дар соли 2023-юм 2,5 фоиз афзоиш ёфта, ба 1 миллиарду 800 миллион доллари амрикоӣ расид ва Россия пешсафиро дар ҳаҷми умумии тиҷорати хориҷии Тоҷикистон нигоҳ доштааст.

Як зумра масъалаҳои ҳалталаб дар соҳаҳои дигари мавриди таваҷҷуҳ, ба мисли энергетика, кишоварзӣ, сармоягузорӣ, маориф ва фарҳанг, низ баррасӣ гардида, мувофиқаҳои зарурӣ ба даст омад.

**21-уми феврали соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсия Россия муҳтарам Владимир Путин, сарони дигар давлатҳо ва меҳмонони сершумори воломақом дар шаҳри Қазон дар маросими ифтитоҳи мусобиқаҳои байналмилалии омехтаи «Бозиҳои оянда», ки дар Маҷмааи намоишии «Казан ЭКСПО» аз 21 феврал то 3 марти соли равон баргузор мегарданд, иштирок намуданд.**

Иттилоъ дода шуд, ки иштирокдорони ин мусобиқаҳо беш аз ду ҳазор нафар аз кишварҳои гуногуни ҷаҳон буда, аз рӯи 21 намуд бозиҳои ҷисмонӣ ва интеллектуалию маҷозӣ қувваозмоӣ хоҳанд кард.

Ба гуфти созмондиҳандагони мусобиқот ин гуна бозиҳо бори аввал ташкил ва баргузор мегарданд ва онҳо бовар доранд, ки ин тасмим имрӯзу оянда таваҷҷуҳи варзишгарону ҳаводорони сершуморро ба худ ҷалб намуда, дарвоқеъ, ба бозиҳои оянда дар ҷаҳон табдил меёбанд.

Бояд таъкид дошт, ки дар ин мусобиқоти байналмилалӣ дастаи Тоҷикистон ҳам дар ҳайати 35 варзишгар иштирок доранд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

## ХИЗМАТ БА ВАТАН ШАРАФУ ИФТИХОРИ БУЗУРГ ВА ВАЗИФАИ МУҚАДДАСИ ҲАР ЯК ҶАВОН АСТ

**Табрикоти Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бахшида ба Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**шаҳри Душанбе, 23 феврали соли 2024**

**Ҳамдиёрони азиз!**

Имрӯз кулли сокинони шарафманди кишвар 31-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷашн мегиранд.

Бо талошҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар ва дарки масъулияти ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими минбаъдаи пояҳои давлатдорӣ, таъмини амнияту осоиши кишвар ва ободию пешрафти мамлакат ҳанӯз аз давраҳои нахустини соҳибихтиёрӣ Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат таъсис дода шуд.

Дар марҳалаи ҳассоси давлатдорӣ ба дӯши хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи мо вазифаҳое гузошта шуданд, ки тақдири миллат ва давлат, истиқлолу соҳибихтиёрии Ватан, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсии мамлакат аз ҳалли онҳо вобастагӣ дошт.

Боиси ифтихор ва фараҳмандист, ки Қувваҳои Мусаллаҳи ҷавони мо дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ ба неруи боиқтидори низомӣ, муҳофизи сулҳу оромӣ ва фазои осудаи мамлакат табдил ёфта, ба Ватан ва мардуми худ содиқона хизмат карда истодаанд.

Ҳоло бо итминон метавон гуфт, ки Артиши миллии мо дар як давраи начандон тӯлонӣ озмоишҳои сахту сангинро пушти сар намуда, имрӯз ба як сохтори, воқеан, боэътимод, муттаҳиду бонизоми давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон табдил ёфтааст.

Ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат дар лаҳзаҳои барои давлату миллат бисёр ҳассосу тақдирсоз борҳо тавонистанд, садоқати худро ба Ватан, миллат ва Сарвари давлат собит созанд.

Имрӯзҳо, дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир



иҷрои вазифаҳои басо муҳими миллию давлатие, ки дар назди Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат қарор доранд, аз ҳар як хизматчии ҳарбӣ иродаи қавӣ, зиракии сиёсӣ ва садоқату муҳаббати самимӣ ба халқу Ватанро тақозо менамояд.

Хизмат ба Ватан шарафу ифтихори бузург ва вазифаи муқаддаси ҳар як ҷавони бонангу номус мебошад. Моро зарур аст, ки таваҷҷуҳи доимиро ба масъалаи баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстӣ ва садоқат ба давлату миллат дар қалбу зеҳни ҷавонону наврасони имрӯза равона намоем.

Мардуми тоҷик ба Қувваҳои Мусаллаҳ ва афсарону сарбозони шуҷои худ эътимоди комил дорад.

Итминон дорем, ки онҳо минбаъд низ истиқлолу озодии давлат, сулҳу амнияти мамлакат ва фазои осоиштаю зиндагии мардуми кишварро содиқона ҳифз менамоянд.

Дар ин лаҳзаҳои пуршараф кулли ҳамватанон, сокинони пойтахт ва тамоми хизматчиёни ҳарбии кишварро ба ифтихори Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик намуда, ба ҳар яки онҳо саломатии бардавом ва ба Ватани маҳбубамон ояндаи дурахшонро таманно дорам.

**Ид муборак, ҳомиёни ҷасури Ватан!**

**Дар кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# БАРРАСИИ ҚОНУНҲО ВА ПЕШНИҲОДИ ХУЛОСАҲО



**22-юми феврали соли равон таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонону занон Маҳмадшоҳ Гулзода ҷаласа баргузор шуд.**

Аъзои кумита Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»-ро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар охир хулосаҳои кумита қабул ва барои баррасӣ ба Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

# ДИДОРБИНӢ БО МУҲОФИЗОНИ ВАТАН ДАР НОҲИЯИ ЁВОН

**Дар арафаи таҷлили Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пайравӣ аз сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ёвон дидорбинии падару модарон, роҳбарони идораю ташкилот, муассисаю корхонаҳо ва намояндагони дигар табақаҳои ҷомеа бо афсарону сарбозони қисми низомии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Зимни дидорбинӣ раиси ноҳияи Ёвон Бахтиёр Шарифӣ якҷо бо падару модарон бо шароити хизмат ва зиндагии сарбозону афсарони қисми низомӣ шинос гардида, бо онҳо суҳбати самимона анҷом доданд.

Раиси ноҳия дар ҷамъомади тантанавӣ бахшида ба Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимоятгарони Ватанро шодбош гуфта, зикр кард, ки хизмат ба миллату Ватан ва ҳифзи осудагию амнияти кишвар барои ҳар як ҷавонмард ифтихору шараф мебошад. Чанде аз падару модарон дар ҳаққи фарзандоне, ки имрӯзҳо дар ҳифзи суботу оромии Ватани маҳбубамон мардонагию далерӣ нишон медиҳанд, дуои нек карданд.

Ҳамзамон, ба сарбозону афсарон туҳфаҳои идонаи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ёвон супорида шуд ва барномаи рангини фарҳангии аҳли ҳунари ноҳия пешкаш гардид.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

# СИПАРИ БОЭЪТИМОДИ ВАТАН

**Имсол Артиши миллии мо 31-сола шуд. Артише, ки 31 сол муқаддам дар зери як хайма онро бидуни ягон заминаи моддию техникӣ Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис доданд.**

Роҳе, ки Артиши миллии Тоҷикистон дар 31 сол тай кард, тахту ҳамвор набуд, зеро замоне ки он таъсис ёфт, кишвар дар вазъияти бади сиёсию иқтисодӣ қарор дошт. Набудани шароит ва имконоти молиявию техникӣ, инчунин, мушкилоти дигари амниятию ҳарбӣ шаҳрвандони кишварро дар ҳолати яъсу навмедӣ қарор дода буд, аммо нияти неку азми қавӣ ва иродаи мустаҳками Роҳбари дар он замон ҷавони давлат қадам ба қадам онро ба як артиши аз ҳама лиҳоз таъмин табдил дод ва имрӯз шаҳрвандони Тоҷикистони соҳибистиқлол Қувваҳои Мусаллаҳро бо ифтихор «Сипари боэътимоди Ватан» медонанд.

Сардори маркази матбуоти Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковник Фаридун Маҳмадализода бо мо суҳбатро аз ёдоварӣ аз таърихи таъсиси Артиши миллӣ оғоз кард. Бино ба гуфти ӯ, баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, сарфи назар аз он ки кишварро вазъи печидаи ҳарбӣ-сиёсӣ ё худ муноқишаҳои дохилӣ фарогир буд, Тоҷикистони тозаистиқлол ба таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ шурӯъ намуд, вале барои бунёди он ягон заминаи моддию техникӣ вуҷуд надошт ва Артиши миллӣ аз сифр бунёд карда шуд.

23-юми феврали соли 1993 дар майдони «Дӯстӣ»-и пойтахти кишвар нахустин паради ҳарбӣ бо иштироки ҷузъу томи гарнизони Душанбе баргузор гардид, ки он рӯз расман санаи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шуд. Дар он солҳо новобаста аз вазъияти ниҳоят душвор ва бисёр ҳассос барои Тоҷикистони тозаистиқлол Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тамоми шароиту имкониятҳои мавҷуда истифода бурда, ҷиҳати мустаҳкам намудани қобилияти мудофиавии кишвар, баланд бардоштани сатҳи омодабошии ҷангӣ, беҳдошти шароити хизматию маишӣ, заминаҳои моддӣ-техникӣ ва баҳри боз ҳам хубтару беҳтар намудани вазъи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ тадбирҳои муҳиму саривақтиро роҳандозӣ мекарданд.

Мусаллам аст, ки барои ташаккул ёфтани дилхоҳ соҳа вақти зиёд лозим мешавад. Аз ҷумла, Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон низ марҳилаҳои зиёди рушдро тай карда, давра ба давра камол ёфт. Дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон се давраи асосиро пушти сар намудааст. Давраи аввал ташкилу фаъол намудани мақомоти ҳарбӣ, қисмҳои низомӣ ва дигар муассисаю идораҳои Қувваҳои Мусаллаҳ буд, ки он бомуваффақият анҷом ёфт. Давраи дуюм марҳилаҳои рушду камоли артиш, баланд бардоштани омодагии доимии ҷангӣ ва татбиқу истифодаи таҷрибаҳои пешқадам дар омӯзиши мақомоти идорӣ ва ҳайати шахсӣ аст, ки он ҳанӯз идома дорад.

Давраи сеюм ва асосӣ бунёди навъҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳкиму тақвият бахшидани иқтидори ҷангии онро дар бар мегирад. Илова бар ин, бо назардошти пешрафти ҷомеаи муосир ислоҳоти ҳарбӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ ҳанӯз ҳам ҷараён дорад. Айни ҳол дар ҳайати Артиши миллии мамлакат се навъи қӯшун - қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, қӯшунҳои хушкигард ва қӯшунҳои зудамали Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд.

Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ аз нахустин неруи мусаллаҳи Тоҷикистон ба шумор рафта, соли 1993 таъсис ёфтааст ва ҳамсолу ҳамқадами Артиши миллӣ мебошад. Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ бошад, соли 1994 таъсис ёфта, то муттаҳид гардондан бо қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ дар ҳайати Артиши миллӣ мустақилона фаъолият менамуд.

Дар натиҷаи ворид намудани ислоҳоти ҳарбӣ ва бо назардошти ҳадафу вазифаҳои ягона соли 2005 қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ якҷо ва ба як навъи қӯшун табдил дода шуданд.

Раёсати қӯшунҳои хушкигард моҳи июни соли 1997 ташкил ёфта, аз сершумортарин навъи Қувваҳои Мусаллаҳ маҳсуб меёбад.

Қӯшунҳои зудамал аз ҷавонтарин навъи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар маҳсуб ёфта, моҳи сентябри соли 2003 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Ин навъи қӯшун дар доираи ислоҳоту навсозӣ дар Артиши миллӣ бе зиёд намудани шумораи умумии Қувваҳои Мусаллаҳ ва аз ҳисоби бригадаи ҳамлаовари десантӣ-зарбавӣ, баталиони сулҳҷӯёна, тирандозони кӯҳӣ, қисмҳои низомии таъйиноти махсус ва як қатор ҷузъу томи фаврӣ бунёд гардидааст.

Ба ғайр аз се навъи қӯшуни Артиши миллӣ, инчунин, дар тобеияти Вазорати мудофиа ва Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳ қисму воҳидҳои алоҳидаи низомӣ ва муассисаҳои олии таълимии ҳарбӣ низ фаъолият менамоянд. Аз ҷумла, донишкадаву литсейи ҳарбӣ, полки таъминотӣ ва идоракунӣ, полки муҳандисӣ-сапёрӣ, баталиони алоҳидаи ҳифзи радиатсионӣ, химиявӣ ва биологӣ, баталиони сохтмонӣ, госпиталҳои ҳарбӣ, қисмҳои низомии таъминотӣ, кафедраҳои ҳарбии назди донишгоҳу донишкадаҳо, комиссариатҳои ҳарбӣ ва дигар идораҳои низомӣ мебошанд, ки аксари онҳо аз солҳои аввали таъсисёбии Артиши миллии мамлакат ташкил ёфта, вобаста ба хусусияти таъсис ва ҳадафу вазифаҳои таъйиноташон уҳдадориҳои махсусан муҳими ҷангиро иҷро мекунанд.

Дар соҳаҳое, ки низоми махсуси фаъолият ҷорист, таъминоти шароити хизматию маишӣ аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва зимни таъсису бунёди Қувваҳои Мусаллаҳ, навъи қӯшунҳо ва дигар ҷузъу томи Артиши миллӣ дар пойгоҳҳои корхонаю идораҳои давлатӣ ва муассисаҳои таъйиноташон гуногун ташкил гардида буданд.

Дар давоми 31 соли рушду нумуи Артиши миллӣ маҳз бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар гарнизонҳои Суғду Хатлон, Хоруғ, Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ садҳо бинои маъмурию ситоди қисмҳои ҳарбӣ, хобгоҳҳои аскарону афсарон, синфхонаҳои таълимӣ, комиссариатҳои ҳарбӣ, иншооти ёрирасони коммуналӣ, истгоҳҳои доимӣ барои нигоҳдории техникаи ҳарбию автомобилӣ ва дигар иншооти зарурии низомӣ дар муддати кӯтоҳ, бо сифати баланду хароҷоти камтарин ва бо меъёри ҳарбию талаботи ҳозиразамони низомӣ мавриди истифода қарор дода шуданд.

Бояд тазаккур дод, ки танҳо дар давоми се соли охир наздик ба 500 биною иншооти аҳамияти ҳарбидошта бунёду навсозӣ ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд.

Ташкили машқгоҳу марказҳои таълимӣ ва фароҳам овардани шароити ҳозиразамони ҳарбӣ дар онҳо имконият медиҳад, ки на танҳо ҷузъу томи тобеи Вазорати мудофиа, балки дигар сохторҳои қудратии мамлакат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар низ аз он самаранок истифода баранд, дар баробари дигар чорабиниҳои нақшавӣ, санҷиши техникаҳои вазнини зиреҳпӯши ҷангӣ ва дигар силоҳу муҳимоти ҳарбиро мавриди омӯзиш қарор диҳанд.

Масъалаи муҳими дигар вазъи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ мебошад. Маълум аст, ки ҳамасола барои баланд бардоштани вазъи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ аз ҷониби давлату Ҳукумати кишвар таваҷҷуҳу ғамхориҳои доимӣ зоҳир карда мешавад. Чунончи, дар ин самт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» ба тасвиб расидааст. Тибқи талаботи қонуни зикргардида ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба хизматчиёни ҳарбӣ як қатор имтиёз пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, пешниҳоди 50 дарсади маблағ барои истифодабарии об, хизматрасонии коммуналӣ, пардохти иҷорапулӣ ба хизматчиёни ҳарбие, ки дар манзилҳои иҷора зиндагӣ мекунанд, ба осоишгоҳҳо равон намудани онҳо, ҷалби фарзандони хизматчиёни ҳарбӣ ба фароғатгоҳҳои кӯдакона, ташкили ярмаркаи молу маҳсулоти ниёзи аввалия, ба табобат ва таъмини доруворӣ ройгон фаро гирифтани хизматчиёни ҳарбӣ, аъзои оилаи онҳо, таъмини хизматчиёни ҳарбӣ бо молу амволи шайъӣ, ҷудо намудани қитъаҳои замин барои сохтани биноҳои истиқоматӣ, ҳамзамон, тақдими хонаҳои истиқоматӣ ба хизматчиёни ҳарбӣ, ба таври ройгон истифода бурдан аз нақлиёти ҷамъиятии дохилишаҳрӣ ва ғайраҳо мебошанд.

Дар партави таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ғамхорӣ зоҳир намудан ба ятимону бепарасторон дар Қувваҳои Мусаллаҳ корҳои судманд амалӣ карда мешаванд. Илова бар ин, бо супориши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон узви оилаҳои хизматчиёни ҳарбии фавтида дар иду ҷашнҳо доимо мавриди кумаку дастгирӣ қарор мегиранд.

Дар давоми ин солҳо бо дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳудуди вилоятҳо ва пойтахти кишвар танҳо аз Вазорати мудофиаи мамлакат наздик ба 600 нафар хизматчиёни ҳарбӣ ва оилаи онҳо бо манзили зист таъмин шудаанд.



Дар баробари имтиёзҳои зикргардида, ҳамчунин, баланд бардоштани маоши хизматчиёни ҳарбӣ яке аз ғамхориҳои Ҳукумати мамлакат аст, ки ҳамасола амалӣ карда мешавад. Дар робита ба ин, зимни иҷроаи паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давоми се соли охир музди меҳнати хизматчиёни ҳарбӣ, дар маҷмӯъ, 90 фоиз зиёд карда шудааст.

Воқеан, сол то сол хуб шудани вазъи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ боис ба таваҷҷуҳи ҷавонон ба ин соҳаи муҳими давлатдорӣ гардидааст. Имрӯзҳо ҷавонони зиёде дар дохилу хориҷи кишвар дар ихтисосҳои гуногуни соҳаҳои ҳарбӣ таҳсил намуда, сафи Артиши миллиро пурра мегардонанд. Сафи Артиши миллӣ асосан аз ҳисоби хатмкунандагони Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа ва академияю омӯзишгоҳҳои олии ҳарбии давлатҳои хориҷи дуру наздик ва ба мо дӯсту ҳампаймон бо афсарони касбӣ пурра гардонда мешаванд. Аз ҳисоби хатмкунандагони Донишкадаи ҳарбӣ, ки ҳамасола онро аз рӯйи 18 ихтисос курсантон хатм менамоянд, то ин дам зиёда аз 4 ҳазор нафар афсарони касбӣ ба ҳайати ҷузъу томи Вазорати мудофиа ва дигар сохтору мақомоти қудратии кишвар шомил гардидаанд.

Тадбирҳои саривақтӣ вобаста ба тайёр намудани мутахассисон дар ин мактабҳои олӣ имконият фароҳам овард, ки сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар ва дигар сохторҳои қудратӣ бо афсарони касбӣ пурра гардонда шаванд. Кишвари мо аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо эълон намудани сиёсати «дарҳои кушода» дар ҳамаи бахшҳо бо давлатҳои хориҷи дуру наздик ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ мондааст. Аз ҷумла, дар соҳаи ҳарбӣ низ чунин ҳамкориҳо сол ба сол густариш меёбанд.

Тавре аз гуфтаҳои Фаридун Маҳмадализода бармеояд, бо роҳнамоӣ ва дастгириҳои бевоситаи Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамкориҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми ин солҳо ривоҷу равнақ ёфта, айни замон бо зиёда аз 50 кишвари олам ҳамкории ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникии дуҷонибаю бисёрҷонибаро дар самту соҳаҳои гуногун ба роҳ мондааст.

Дарвоқеъ, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як рукни асосии давлати миллӣ дар 31 соли фаъолият аз имтиҳони ҷиддӣ гузашта, ҳамчун як артиши пурқуввате, ки дар баробари хавфу хатарҳои замони муосир истодагарӣ карда метавонад, ташаккул ёфт. Имрӯз ҳар ваҷаб хоки кишвари соҳибистиқлоли мо зери ҳимояи афсарону аскарони шуҷои Ватан қарор дорад. Таманно дорем, ки Тоҷикистони азиз зери ҳимояи Артиши миллӣ чун ҳомии боэътимоди Ватан ва истиқлолияти давлатӣ то абад поянда бошад.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

# САҲМГУЗОРӢ ДАР ТАҲИЯИ 137 ЛОИҲАИ САНАДИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ



**Дар нишасти матбуотии Вазорати молия корманди рӯзнома оид ба саҳми вазорати мазкур дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, сатҳу сифати ҳамкорӣ бо Маҷлиси Олӣ ва субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ пурсон шуд.**

Вазири молия Файзиддин Қаҳҳорзода ба суоли мазкур муфассал посух дода, аз ҷумла гуфт, ки соли 2023 вазорат дар таҳияи 137 лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ саҳм гузошт. Дар ин давра ҷиҳати иҷрои талаботи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз ҷониби вазорат 17 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба як қатор кодексҳо, қонунҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардид, ки 15-тои он қабул, ҷонибдорӣ ва мавриди амал қарор гирифтанд.

Тавре вазир гуфт, қисми хароҷоти буҷети давлатӣ дар доираи нақшаи пешбинигардида ва даромади воқеии буҷет амалӣ карда шуда, ба соҳаҳо 41,3 миллиард сомонӣ равона гардид. Аз ҷумла, ба соҳаҳои ҳокимият ва идоракунии давлатӣ 2,2, маориф ва илм - 7,1, тандурустӣ - 3,3, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ - 4,6, хоҷагии манзилию коммуналӣ - 2,2, фарҳанг ва варзиш - 1,5, комплекси сӯзишворию энергетикӣ - 7,3, кишоварзӣ - 1,6, нақлиёт ва коммуникатсия 4,0 миллиард сомонӣ, сохтмон ва саноат 295,9 миллион сомонӣ равона карда шуд.

Соли 2023 хусусияти иҷтимоии буҷет ҳифз шуда, ба соҳаҳои иҷтимоӣ, бо назардошти хароҷоти соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ 18,7 миллиард сомонӣ равона гардид, ки он 45,3 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатиро ташкил менамояд.

Соли сипаришуда дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо 26 созишнома барои татбиқи 24 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба имзо расида, маблағи умумии онҳо 571,7 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад, ки 374,1 миллион доллари он (65,0 фоиз) грант мебошад.

Бино ба гуфти Файзиддин Қаҳҳорзода, қарзи давлатӣ 3,6 миллиард доллари амрикоӣ буда, ба 26,9 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар аст. Барои хизматрасонии қарзи берунаи кишвар 274,3 миллион доллари амрикоӣ сарф шуда, дар назди созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва давлатҳои алоҳида уҳдадории молиявӣ вуҷуд надорад.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**




# ТОҶИКИСТОН МИЗБОНИ ЧОРАБИНИҲОИ НАВБАТИИ САТҲИ БАЛАНД

**Соли сипаришуда Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои гуногунҷанбаро бо ҳамаи шарикони дуру наздик густариш дод, ки дар маҷмӯъ, 173 санади байналмилалӣ ба имзо расид. Дар ин хусус 16-уми феврал вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**



- Конфронси СММ оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» на танҳо дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон, балки дар арсаи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Он бо ибтикори Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо подшоҳии Нидерландия тарҳрезӣ шуда, 22-24 марти соли 2023 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ню-Йорк баргузор гардид. Дар ин замина, баҳри омодагӣ дар сатҳи муносиб ва баргузории муваффақи конфронсу чорабиниҳои канории он ва иқдомҳои тарғиботии марбут ба ин маъракаи муҳими сатҳи ҷаҳонӣ вазорат ва намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар хориҷа бо истифода аз ҳамаи имконот саъю талош намуданд, - иброз намуд Сироҷиддин Муҳриддин.

Зикр гардид, ки самти дипломатияи фарҳангӣ низ бо шомил кардани куллиёти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва ёдгории фарҳанги ҷаҳонии қитъаи «Зарафшон - Қароқум»-и Роҳи бузурги абрешим, ёдгории табиии «Бешаи палангон» ба феҳристҳои хотироти ҷаҳонӣ ва мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО, инчунин, таҷлили 30-юмин солгарди ҳамкории Тоҷикистон бо ЮНЕСКО дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон хусусияти фарқкунанда дошт. Дар ин давра номинаи миллии Тоҷикистон «Анъанаи бофтани атласу адрас», номинаи муштараки Тоҷикистон ва Эрон «Ҷашни Сада» ва номинаи «Санъати зарҳалкорӣ» низ ба Феҳристи мероси ғайримоддии башарият ворид гардиданд.

Дар поёни нишасти матбуотӣ таъкид гардид, ки Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои обу иқлим дар доираи СММ, аз ҷумла ташкили Конфронси сеюми Душанбе оид ба татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», ки 10-13 июни соли 2024 баргузор мегардад ва татбиқи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», ки бо ташаббуси Тоҷикистон аз ҷониби Маҷмаи умумии СММ эълон гардид, омодагии ҷиддӣ мебинад.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

# СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОР 10,1 ҲАЗОР ЗИЁД ШУД

**Соли 2023 аз ҳисоби андозҳо ва пардохтҳои дохилӣ ба буҷети давлатӣ 17 миллиарду 738 миллион сомонӣ ворид шуд, ки 103,8 дарсади нақшаро ташкил медиҳад. Дар ин бора раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Давлатзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Бино ба гуфти ӯ, иҷрои барзиёди нақша натиҷаи рушди иқтисодиёт, беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, рақамикунонии соҳа ва дигар тадбирҳои андешидашуда мебошад.**



Номбурда зикр кард, ки то 1 январи соли равон 350,3 ҳазор субъекти хоҷагидор ба қайд гирифта шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 10,1 ҳазор зиёд аст.

Дар нишасти матбуотӣ, ҳамчунин, доир ба бақияи қарзи андозҳо иттилоъ дода шуд. Маълум гардид, ки то якуми январи соли 2024 бақияи қарзи андозҳо 647,6 миллион сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2022-юм 67 миллион сомонӣ кам шудааст. Дар ин давра аз ҷониби мақомоти андоз нисбат ба андозсупорандагони қарздор оид ба маҷбуран ситондани 1 миллиарду 234 миллион сомонӣ қарори дахлдор қабул гардида, илова бар ин, аз ҳисоби қарорҳои дар соли 2022 қабулшуда, дар маҷмӯъ, 1 миллиарду 189 миллион сомонӣ ба буҷет ворид карда шудааст.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

# ОШКОР ШУДАНИ 265,9 МИЛЛИОН СОМОНӢ ЗАРАРИ МОЛИЯВӢ

**16-уми феврал дар нишасти матбуотӣ директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Султонзода иброз дошт, ки соли 2023 дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ 248 тафтишу санҷиши молиявӣ гузаронда, 265,9 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор шуд.**

Аз ин 261,4 млн. сомонӣ ба манфиати давлат барқарор карда шуд, ки 186,6 млн. сомонии он бевосита ба суратҳисоби буҷетӣ ва 74,8 млн. сомонии онро пардохти пул, молу мулк ва ҳисоббаробаркуниҳо ташкил медиҳад.

Иттилоъ дода шуд, ки воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи агентӣ 2212 ҷинояти коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидоштаро бо иштироки 1192 нафар ошкор намуданд, ки 911 адади онҳо ба гурӯҳи ҷиноятҳои вазнин шомиланд.



Кормандони агентӣ оид ба 989 парвандаи ҷиноятӣ корбарӣ намуда, тафтиши пешакии 732 адади онро нисбат ба 895 нафар ба анҷом расондаанд.

Ҳамин тариқ, агентӣ соли гузашта ба буҷети давлат 345,4 млн. сомониро барқарор намуд.

- Соли сипаришуда баррасии саривақтии 3414 мурочиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ таъмин гардида, 1053 адади он қонеъ ва нисбат ба 2132 мурочиат қарорҳои дахлдори қонунӣ қабул карда шуданд. 170 мурочиат бо сабаби номуайяну беном буданашон мавриди баррасӣ қарор дода нашуда, 59 адад мурочиат алҳол дар баррасӣ қарор дорад, - изҳор намуд директори агентӣ С. Султонзода.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронда мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 420134 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории нақбҳо, шабакаи равшанидиҳӣ ва иншооти чароғакҳои роҳнамо дар роҳҳои автомобилгарди аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта» | Таҷҳизоти электрикӣ, чароғак ва танаи чароғак | Озмуни кушод | Мол | 26 | 04.03.2024 09:00:00 |
| 2 | 420122 | КВД «Сохтмони асосии назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Идомаи сохтмони бинои иловагии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10-и ноҳия | Озмуни кушод | Кор | 1 | 13.03.2024 15:05:00 |
| 3 | 420123 | Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии «МИСиС» дар шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории таҳхонаи филиали донишгоҳ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 13.03.2024 15:10:00 |
| 4 | 420124 | Муассисаи давлатии «Равшании Душанбешаҳр» | Дарахт | Озмуни кушод | Мол | 2 | 13.03.2024 17:10:00 |
| 5 | 420127 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Асфалти гарми майдадона | Озмуни кушод | Мол | 1 | 14.03.2024 08:20:21 |
| 6 | 420129 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи мулоим | Озмуни кушод | Мол | 5 | 14.03.2024 09:35:16 |
| 7 | 420128 | Муассисаи давлатии «Равшании Душанбешаҳр» | Сӯзишвории дизелӣ ва бензин | Озмуни кушод | Мол | 2 | 14.03.2024 10:00:00 |
| 8 | 420135 | Муассисаи давлатии «Боғи ҳайвонот»-и шаҳри Душанбе | Сохтмони ҳоҷатхона дар муассиса (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 14.03.2024 11:35:00 |
| 9 | 420131 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Тубак барои гул | Озмуни кушод | Мол | 3 | 14.03.2024 14:44:44 |
| 10 | 420133 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Дарахтони ороишӣ | Озмуни кушод | Мол | 4 | 14.03.2024 15:35:35 |
| 11 | 420125 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи мулоим | Озмуни кушод | Мол | 6 | 14.03.2024 15:40:07 |
| 12 | 420110 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи мулоим | Озмуни кушод | Мол | 3 | 14.03.2024 15:42:03 |
| 13 | 420130 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи мулоим | Озмуни кушод | Мол | 12 | 14.03.2024 15:43:31 |
| 14 | 420132 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Тухми гулҳои мавсимӣ | Озмуни кушод | Мол | 5 | 14.03.2024 15:55:55 |
| 15 | 420137 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Асбобҳои дастӣ, масолеҳи сохтмонӣ, молҳои хоҷагидорӣ, рӯшноидиҳанда, плаши ОЗК ва ангиштсанг | Озмуни кушод | Мол | 34 | 14.03.2024 16:36:36 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**13 марти соли 2024 музоядаҳои № 11, № 12, № 13 ва № 14-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд**

**Музоядаи № 11**

| № | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Маҳсулоти тамокуи навъи «ESSE CHENGE» | қуттича | 18480 | 277200 |
| 2 | Маҳсулоти тамокуи навъи «ESSE LIGHT» | қуттича | 2500 | 37500 |
| 3 | Маҳсулоти тамокуи навъи «MILANO» | қуттича | 10000 | 110000 |

**Музоядаи № 12**

| № | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тамокуи «ESSE LITE» | қуттича | 6 | 48 |
| 2 | Тамокуи тамғаи «ESSE GOLD» | қуттича | 1 | 8 |
| 3 | Тамокуи тамғаи «Mond variance» | қуттича | 350 | 3360 |
| 4 | Тамокуи тамғаи «MILANO» | қуттича | 314 | 1004 |

**Музоядаи № 13**

| № | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Нӯшокии энергетикии «Gorilla» | адад | 287 | 2583 |

**Музоядаи № 14**

| № | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Шишаҳои пеши воситаҳои нақлиёти гуногунтамға | адад | 161 | 58282 |
| 2 | Шишаҳои паҳлуи воситаҳои нақлиёти гуногунтамға | адад | 101 | 7272 |
| 3 | Шишаҳои қафои воситаҳои нақлиёти гуногунтамға | адад | 60 | 13680 |
| 4 | Телефони мобилии тамғаи «Самсунг дуос» (мини) | адад | 1 | 150 |
| 5 | Тамокуи тамғаи «ESSE CHENGE» | қуттича | 70 | 1050 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол»** оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10.00** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронда мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**13 марти соли 2024 музоядаи № 12-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд**

**1. ВАЗ – 21212, бе рақами давлатӣ, соли барориш - 2008. Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ. Нархи ибтидоӣ - 6500 сомонӣ.**

**2. ВАЗ – 21214, бе рақами давлатӣ, соли барориш - 2012. Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ. Нархи ибтидоӣ - 6500 сомонӣ.**

**3. Тойота RAV – 4, рақами давлатӣ - 769 ХМ, соли барориш - 2004. Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ. Нархи ибтидоӣ - 30000 сомонӣ.**

**4. Хундай Starex, рақами давлатӣ - 414 ХС 01, соли барориш - 2000. Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ. Нархи ибтидоӣ - 7500 сомонӣ.**

**5. Муссо 739, рақами давлатӣ - ХВ 03, соли барориш - 1999. Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар вилояти Хатлон. Нархи ибтидоӣ - 7500 сомонӣ.**

**6. УАЗ – 31519, рақами давлатӣ - 741 ZE 01, соли барориш - 2004. Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар вилояти Хатлон. Нархи ибтидоӣ -6500 сомонӣ.**

**7. УАЗ – 39629, рақами давлатӣ - 419 ХС 03, соли барориш - 1999. Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар вилояти Хатлон. Нархи ибтидоӣ - 6000 сомонӣ.**

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол»** оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10.00** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронда мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро КДФ «БМMҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ (собиқ ноҳияи Ленин) 2 июли соли 1987 таҳти қайди 564, рақами инвентарӣ 65076 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳаи Мадад (собиқ Камарова) ба Муртазов Рустамжон Бустонович (РМА 125969050) додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Раҳмонов Ҳасаналӣ Шарифович (РМА 125193488) додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатнома ва Иқтибоси гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Юльчиев Ҳайталӣ Юлдашевич (РМА 125418734, РЯМ 1230066714) додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи силсилаи ДМБ № 0178197, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ 7-уми июни соли 2022 таҳти рақами бақайдгирии 1408 ба Ҷурахонзода Қосимҷон Маҳмадхон додааст, этибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи АТУ №0387576, ки онро Литсейи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 ба Файзиллобеков Файзиллобек Соҳибназарович додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатнома ва Иқтибоси гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ки онҳоро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 16-уми марти соли 2010 таҳти №0051794 ба ҶСК «Боркашон» (РЯМ 6010000499, РМА 600009244) додааст, эътибор надоранд.

✓Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А № 0160564, ки онро Мақомоти давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4-уми январи соли 2008 таҳти №3601 ба сокини ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Эсанбой, деҳаи Қарағаза Маҳмудов Нозимҷон додааст, эътибор надорад.

✓Дастгоҳи гумшудаи назорати хотирааш фискалии тамғаи «Миника 1105Ф» №2016527-и соҳибкори инфиродӣ Холов Меҳрубон Сарахонович (РМА 037147915) эътибор надорад.

✓Шиносномаи гумшудаи А 02557711, ки онро ШМД Навобод ШВКД -1 дар ноҳияи Рӯдакӣ 23-юми октябри соли 2019 ба Раҷабова Шабнам Файзуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓Иқтибоси гумшуда аз феҳрасти ягонаи соҳибкорони инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 13-уми июли соли 2022 ба Муминов Муҳаммадсаид Маҳмадиевич додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 15-уми феврали соли 2018 таҳти феҳрасти №162-721 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Озод, хонаи 9 ба Наҷмудинов Саид Сироҷидинович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро КДФ «БМMҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ таҳти варақаи бақайдгирии №23762 соли 2008 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Гулпарвар (ҳоло ноҳияи Синои шаҳри Душанбе) ба Носиров Шералӣ додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшудаи №0028753 барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Панҷакент 5-уми феврали соли 2010 ба Ибодуллоев Неъмат Хайруллоевич (РМА 605036916, РЯМ 6030012230) додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати хатми синфи нуҳуми гумшудаи силсилаи А-№161727, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №29-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 1991 ба Қурбонова Сурайё Аҳтамовна додааст, эътибор надорад.

✓Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2021 ба Сафармадзода Шоҳрух Тоҷиддин додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ № 0009001, ки онро МТМУ №54-и шаҳри Душанбе соли 2004 ба Азизов Шаҳзодҷон Носирхуҷаевич додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшудаи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ, ки онро таҳти №0530183959 санаи 4-уми ноябри соли 2017 Нозироти андози шаҳри Ваҳдат ба Кенҷаев Баҳодур Ҷазоилович додааст, эътибор надорад.

✓Муҳри гумшудаи ҶДММ «Маҳин сохтмон» (РМА 120042275, РЯМ 1210011954) эътибор надорад.

✓Шаҳодатнома ва Иқтибоси гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 21 июли соли 2017 ба ҶДММ «Маҳин сохтмон» (РМА 120042275, РЯМ 1210011954) додааст, эътибор надорад.

✓Қарори гумшуда дар бораи додани иҷозат барои сохтмони бинои истиқоматии на кам аз панҷошёнаи бисёрҳуҷрадор, ки онро раиси ноҳияи Рӯдакӣ 18-уми апрели соли 2017 таҳти № 1079 ба Нақибова Шаҳло Кароматуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓Иҷозатномаи гумшудаи №37 аз 16-уми апрели соли 2018 барои сохтмон, ки онро Мақомоти меъморӣ ва шаҳрсозии ноҳияи Рӯдакӣ ба Нақибова Шаҳло Кароматуллоевна барои бунёди бинои истиқоматии на кам аз панҷошёнаи бисёрҳуҷрадор бо ҷойгир намудани нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатнома ва Иқтибоси гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 24-уми октябри соли 2022 ба Мирмуҳаммадзода Миршакар (РМА 625589338) додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшуда, ки онро МТМУ №12-и ноҳияи Роштқалъа соли 1998 ба Шодибекова Мобегим Шукуровна додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшуда, ки онро МТМУ №12-и ноҳияи Роштқалъа соли 1998 ба Азизмамадов Лочин Гулбекович додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-ШТУ № 0655296, ки онро МТМУ №1-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2013 ба Ахмедов Аҳмадҷон Наҷмитдинович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶДММ «Даргоҳи умеди Ансор» (РЯМ 0410038420, РМА 040060777), ки 8-уми июни соли 2022 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ҶДММ «Энергияи нав» (РМА 040058166, РЯМ 0410036156), ки дар Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-52-97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-58-91; муҳосибот 238-53-49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03, 93-458-65-69; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76, 92-771-76-72, 93-535-06-66; ШНТҶ - 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пасгардонида намешавад.

*Ба чопаш 23 феврали соли 2024, соати 15:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35070 нусха*

Навбатдори шумора Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97